«Мувофиқа карда шуд»
Шӯрои ҳамоҳангсозии
фаъолияти мақомоти санҷишӣ
-------------------------------------------
«28» ___12___ соли 2021

«Тасдиқ менамоям»
Раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
______________ М.Файзуллозода
«28» ___12___ соли 2021

Номгӯйи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал дар соҳаи байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯйи меъёрҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| 1 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба нигоҳдорӣ ва парвариши ҳайвоноти хонагӣ (ЧКШ, ЧМШ, Асп, паранда, занбури асал, моҳӣ ва ғ.) барои истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, нутфа барои бордоркунии сунъӣ, хушзоткунӣ ва фурӯши чорво, истеҳсоли пуст ва пашм, истеҳсоли пору барои ғани гардонии заминҳои кишт сару кор доранд. | **60** |
| 2 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба забҳи чорво барои истеъмоли аҳолӣ машғуланд (кушторхонаҳо, салоххонаҳо). | 60 |
| 3 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба воридоту содирот, нигоҳдорӣ, фурӯши маҳсулотҳои таҳти назорати байторӣ қарор дошта машғуланд (анборҳо, нуқтаҳои савдо). | 50 |
| 4 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба воридоту содирот, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши маводҳои байторӣ машғуланд (дорухонаҳои байторӣ, анборҳои нигоҳдории маводҳо). | 40 |
| 5 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба тайёр намудани хӯрокҳо аз маҳсулотҳои таҳти назорати байторӣ қарор дошта барои истеъмоли аҳолӣ машғуланд (ошхонаҳо, тарабхонаҳо). | 30 |
| 6 | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба хариду фурӯши маводҳои таҳти назорати байторӣ машғуланд. | **20** |
| 7 | Мавҷудияти шикоят аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи ва ё маълумоти давлатӣ нисбат ба субъектҳои хоҷагидор. | **10** |
| 8 | Қонунвайронкуниҳои ошкоргардида дар ду соли охир. | **10** |
| | | |

Номгӯйи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал дар соҳаи зотпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯйи меъёрҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| 1 | Субъектҳои зотпарварӣ. | **60** |
| | аз ҷумла: | |
| | - заводҳои зотпарварӣ, | 60 |
| | - хоҷагиҳои зотпарварӣ, | 50 |
| | - фермаҳои зотпарварӣ. | 50 |
| 2 | Муассисаи ҷумҳуриявии зотпарварӣ, хушзоткунӣ, бордоркунии сунъӣ ва хариду фурӯши чорвои зотӣ ва филиалҳои он дар вилоятҳо. | 40 |
| 3 | Марказҳои селексионӣ-зотпарварӣ. | 30 |
| 4 | Нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво. | 30 |
| 5 | Муассисаҳои давлатии КВД соҳаи чорводорӣ, моҳӣ ва занбӯриасалпарварӣ. | 30 |
| 6 | Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводории АИКТ. | 30 |
| 7 | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонӣ барои муайян намудани дараҷа ва қимати зотнокии чорво. | **20** |
| 8 | Мавҷудияти шикоят аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ё маълумот аз мақомоти давлатӣ нисбат ба субъектҳои хоҷагидор. | **10** |
| 9 | Қонунвайронкуниҳои ошкоргардида дар ду соли охир. | **10** |

Номгӯйи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал
дар соҳаи фитосанитарӣ ва карантини растанӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯйи меъёрҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| 1 | Субъектҳои хоҷагидор, ки ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард, фурӯши тухмӣ, растанӣ, маҳсулоти растанигӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеият машғул мебошанд. | **60** |
| 2 | Субъекти хоҷагидор, ки дар он минтақаи олудашудаи организмҳои зараррасони карантинӣ вуҷуд доранд. | 20 |
| 3 | Субъекти хоҷагидор, ки ба фаъолияти ҳамлу нақли маводҳои таҳти карантинӣ қарор доранд. | 20 |
| 4 | Мавқеи ҷойгиршавии субъекти хоҷагидор, ки барои паҳншавии организмҳои зараррасони карантинӣ мусоидат мекунанд. | 20 |
| 5 | Субъектҳои хоҷагидоре, ки қаблан ба қоидавайронкунии соҳаи фитосанитарӣ ва карантини растанӣ роҳ додаанд (дар ду соли охир). | 10 |
| 6 | Мавҷудияти шикоят нисбати субъектҳои хоҷагидор (дар ду соли охир) | 10 |
| 7 | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба хариду фурӯши маводҳои таҳти назорати карантинӣ машғуланд. | **20** |
| 8 | Мавҷудияти шикоят аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи ва ё маълумоти давлатӣ нисбат ба субектҳои хоҷагидор. | **10** |
| 9 | Қонунвайронкуниҳои ошкоргардида дар ду соли охир. | **20** |

Номгӯйи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккалии соҳаи назорати тухмӣ дар Ҷуҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯйи меъёрҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| 1 | Субъектҳои тухмипарварӣ. | **60** |
| | аз ҷумла: | |
| | -корхонаҳои коркарди пахтаи тухмӣ | 60 |

| | | |
|---|---|---|
| | -хоҷагиҳои тухмипарварӣ | 50 |
| | -муассисаҳои илмии истеҳсолии тухмипарварии АИКТ | 40 |
| | -муассисаи давлатии «Комиссияи озмоиши навъи зироатҳои кишоварзии ва муҳофизати навъҳо», | 30 |
| | -КВД «Навъҳои тухмии сабзавоти Тоҷикистон», | 30 |
| 7 | -КВДҶ «Тоҷикниҳолпарвар». | 30 |
| 8 | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба хариду фурӯши тухмии зироатҳои кишоварзӣ машғуланд. | **20** |
| 9 | Мавҷудияти шикоят аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи ва ё маълумоти давлатӣ нисбат ба субъектҳои хоҷагидор. | **10** |
| 10 | Қонунвайронкуниҳои ошкоргардида дар ду соли охир. | **10** |

Эзоҳ: Шарҳи мухтасари меъёрҳо барои субъектҳои байторӣ ва зотпарварӣ.

Субъектҳои зотпарварӣ, аз ҷумла заводҳои зотпарварӣ, хоҷагиҳои зотпарварӣ ва фермаҳои зотпарварӣ, Муассисаи ҷумҳуриявии зотпарварӣ, хушзоткунӣ, бордоркунии сунъӣ ва хариду фурӯши чорвои зотӣ ва филиалҳои он дар вилоятҳо ба гурӯҳи дараҷаи таваккалнокиашон (хавфӣ) баланд дохил мешаванд, зеро дар ин субъектҳои зотпарварӣ ҷавҳари асосии намуд ва зотҳои чорвои дар ҷумҳури парваришёбанда нигоҳ дошта мешаванд. Рушди соҳаи зотпарварӣ ва ҳифзу нигоҳдошти хазинаи ирсии намуд ва зотҳои чорво ба фаъолияти онҳо вобастагии зич дорад.

Дар баробари ин, аз ин субъектҳои зотпарварӣ ба миқдори зиёд саршумори чорвои хушзот ба дигар хоҷагиҳо, инчунин ба бахши аҳолӣ дар ҳолатҳои пайдо шудани талабот, ба тариқи музояда (аукцион) пешниҳод ва ё фурӯхта мешавад.

Марказҳои селексионӣ, нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво дар маҳалҳо, муассисаҳои давлатии КВД соҳаи чорводорӣ, моҳӣ ва занбӯриасалпарварӣ , Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорво, ба дараҷаи таваккалнокиашон (хавфӣ) миёна дохил мешаванд, ин марказҳо оид ба корҳои селексионӣ-зотпарварӣ вобаста мебошанд.

Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба корҳои такрористеҳсолкунии чорво, инчунин барои муайян намудани дараҷаи зотнокии чорво вобастаанд, ба дараҷаи таваккалнокиашон (хавфӣ) паст дохил мешаванд. Ин субъектҳо асосан ба корҳои истеҳсоли маҳсулоти чорво (шир, гӯшт, пашм ва ғ.) машғуланд.

Шарҳи мухтасари меъёрҳо барои субъектҳои карантини фитосанитарӣ ва тухмипарварӣ.

Субъектҳои тухмипарварӣ, аз ҷумла Корхонаҳои коркарди пахтаи тухмӣ, хоҷагиҳои тухмипарварии зироатҳи кишоварзӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ба гурӯҳҳои дараҷаи таваккалиашон (хавфӣ) баланд дохил мешаванд, зеро дар ин корхонаҳо ва хоҷагиҳо асосан ба парварши тухмии зироатҳои кишоварзӣ, коркарди он машғул мебошанд. Рушди соҳаи тухмипарварӣ аз фаъолияти онҳо вобастагии зич дорад.

Инчунин аз ин субектҳои хоҷагидорӣ ба миқдори зарурӣ тухмии хушсифат ба дигар хоҷагиҳои кишоварзии ҷумхурӣ ба тариқи шартномавӣ ё накди дастрас карда мешавад.

Муассисаҳои илмии истеҳсолии тухмипарварии АИКТ, Муассисаи давлатии Комиссияи озмоиши навъи зироатҳои кишоварзии ва муҳофизати навъҳо, КВДҶ Тоҷикниҳолпарвар ба дараҷаи таваккалнокиашон (хавфӣ) миёна дохил мешавад, ин муассисаҳо барои корҳои селексионӣ-тухмипарварӣ ва ниҳолпарварӣ вобаста мебошанд. КВД Навъҳои тухмии сабзавоти Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба хариду фурӯши тухмии зироатҳои кишоварзӣ машғуланд ба дараҷаи таваккалнокиашон (хавфӣ) паст дохил мешаванд.

Ин субъектҳо асосан ба хариду фурӯши тухмӣ ва ниҳол машғул мебошанд.